# ТЭТ НАҲСАТ ВА ГУРӮҲИ 24 ДУШМАНОНИ ВОҚЕИИ ТОҶИКИСТОНАНД!!!

Имрӯз замони пешрафти техника ва технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Сол ба сол кашфу ихтирои технологияҳои иттилоотии ҳушманд дар давлатҳои пешрафта зиёд ба назар расида, зуд тамоми минтақаҳои оламро фаро мегиранд. Дар ин раванди босуръати технологиву иттилоотӣ боз ҳамон давлатҳои абарқудрату дорои манфиатҳои геополитикиву геоиқтисодӣ рушду такомул меёбанд. Дар ҳама ҳолат соҳаҳои сиёсиву низомӣ ва иқтисодиву фарҳангии давлатҳои пешрафта тақвият ёфта, имконият пайдо мекунанд, ки манфиатҳои миллии худро дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон тариқи иттилоотҳои худӣ пиёда созанд. Дар ин раванд давлатҳои рӯ ба инкишоф бештар таъсири манфӣ мебинанд. Дар муқобили ингуна падидаҳо ва бархӯрду бардоштҳо ягона давлате истодагарӣ карда метавонад, ки ҳифзи манфиатҳои милливу давлатиро дар дараҷаи аввал қарор диҳад.

Барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ пеш аз ҳама давлати тавоно ва фазои солиму пешрафта бисёр муҳим мебошад. Зер бештари манфиатҳои геополитикии баъзе давлатҳои абарқудрат дар минтақаҳое татбиқ гардида истодаанд, ки фазои дохилии онҷо орому осуда ва муттаҳидии миллӣ коста гардидааст. Дар равандҳои сиёсии замони муосир танҳо давлати миллии устувор метавонад, ки дар рӯ ба рӯи чунин таҳдиду хатарҳо истодагарӣ намояд. Айни замон ҳар як давлати миллӣ дар баробари пуриқтидории сиёсиву иқтисодӣ ва бояд аз назари механизму технологияҳои иттилоотӣ бархурдор бошад. Чӣ тавре, ки дида истодаем, баъзе давлатҳои манфатҷӯ бештар ба сиёсати нерӯи нарм такя намуда, барои нуфузи худро дар дилхоҳ минтақа паҳн намудан, аз хабару иттилоотҳои сохтаи худӣ истифода намуда истодаанд.

Агар вазъияти имрӯзаи Украинаро тайи ду соли охир мавриди таҳлил қарор диҳем, мебинем, ки доираҳои манфиатхоҳ чӣ тавр ва аз кадом усулҳои ҷанги иттилоотӣ баҳри ноорому пора кардани ин кишвар истифода карданд. Мавриди зикр аст, ки дар қазияи Украина ҳам давлатҳои Ғарб ва ҳам муттаҳидони Русия бештар аз хабару иттилоотҳои сохтаи худ истифода намуданд. Ин манфиатхоҳон тамоми телевизиону радио, барномаҳои иттилоотӣ ва фазои интернетиро ба таври худ ва дар атрофи манфиатҳои геополитикиашон шакл доданд. Тамоми механизму дастгоҳҳои иттилоотпарокании онҳо аз ҳар тараф назару дидгоҳи худро дурусту ҳақиқат шарҳ дода, пахшу паҳн мекарданд. Агар имрӯз замину ҳудудҳои расмии Украина дар рӯбарӯи ҷанги физикӣ қарор дошта бошанд,

майдони набардҳои иттилоотии Ғарбу Русия аз соли 2014 шурӯъ гардида буд. Вазъияту падидаҳои ба вуқӯъ пайвастаи ин кишвар бештар ҷанбаи ибратомӯз барои дигар давлатҳои пасошӯравӣ ва минтақа шуда метавонанд. Бояд гуфт, ки дар ҳалли ҷанги Украина он доираҳои манфиатҷӯ ва ё ба истилоҳ сулҳҷӯён ҳатто фикру назари ин давлат ва манфиатҳои миллиашро ба инобат нагирифта истодаанд.

Бояд қайд кард, ки ба чунин ҳолат гирифтор шудани Украина нақши хоинони ин миллаташ, ки дар хориҷ аз ин кишвар қарор доштанд, бисёр бузург мебошад. Онҳо ба дунболи манфиатҳои шахсиву пулии худ шуда, як давлати орому осудаи минтақаи Аврупои Шарқиро ба ҷанги бародаркушӣ гирифтор карданд. Онҳо низ мисли хоинони миллати мо дар хориҷ аз кишвар тариқи фазои интернети ҳамагуна дурӯғу туҳматҳоро дар муқобили давлати худ истифода бурданд. Дар ин амали онҳо гурӯҳу давлатҳои ҷангҷӯ мусоидати пуливу молӣ ва шароити корӣ муҳаё сохтанд. Онҳо ҷанги иттилоотиро дар муқобили ватану миллати худ эълон намуда, як давлати орому осуда ва як давлати якпорчаро ба даҳшату хунрезии бародаркушӣ ва тақсиму пароканда кардани ҳудудҳои он оварда расониданд. Дар охир Украина пора гардида, заминҳои аҷдодии он зери таъсиру нуфузи абарқудратҳо қарор гирифт ва ё тақсим карда шуд.

Аз ин лиҳоз, мо бояд нагузорем, ки фазои иттилоотии кишвар бо дасисаҳои иғвоангезона ва хабару маълумотҳои дурӯғу туҳматонаи хоинони миллат паҳн гардад. Ҳамзамон бояд ҳар як шаҳрванд огоҳу ҳушёр бошад, ки ба маълумотҳои дурӯғини душманони дар хориҷа буда дода нашавад ва дар ҳифзи давлати миллии ягона ва сулҳу субот саҳмгузор бошад.

https://www.facebook.com/share/p/RGrYkWzyA5hDUfDH/?mibextid=oFDknk

Суҳроби Рустам – таҳлилгари сиёсӣ